**Намудҳои ҳиссиёт**

Вобаста ба характери талабот ҳиссиёти *паст* ва *олиро* фарқ мекунанд. Ҳиссиётҳое, ки бо қонеъ кунонидан ё накунонидани ин ё он талаботҳои физиологӣ, масалан, таассуротҳои бо гуруснагӣ, ташнагӣ, серӣ, дилбеҳузуршавӣ алоқамандбуда ба *ҳиссиётҳои паст* тааллуқ доранд. Ҳиссиёти паст аҳамияти калони биологӣ дошта, дар бораи касалӣ ё саломатӣ, қонеъ гардонидан ё нагардонидани талаботҳои оддитарини организм ба пӯстлохи майнаи сар хабар мерасонад.

*Ҳиссиёти олӣ* дар асоси қаноат кунонидан ё накунонидани талаботҳои рӯҳӣ ба вуҷуд меояд. Мазмуни ҳиссиёти олӣ ва тамоили онҳоро ҷаҳонбинии одам, қоидаҳои рафтори ахлоқӣ ва баҳодиҳии эстетикӣ муайян мекунанд.

Ба ҳиссиёти олӣ ҳиссиёти ахлоқӣ, ҳиссиёти ақлӣ, ҳиссиёти эстетикӣ дохил мешаванд.

*Ҳиссиёти ахлоқии* (этикӣ, маънавӣ) – одам дар протсесси тарбия ташаккул меёбад. Асоси он донистани меъёрҳои одобу рафтор ва талаботи ахлоқие мебошад, ки дар ҷамъият қабул шудааст. Ҳиссиёти маънавӣ оинаи рафтори одам мебошад. Агар мувофиқи меъёрҳои рафтори ҷамъиятӣ амал кунад, дар худ қаноатмандӣ ва боварӣ ҳис менамояд. Лекин агар рафтори одам ба меъёрҳои умум ва эътирофгардида мувофиқ набошад, вай одатан хиҷолат ва ҳатто шарму ҳаё ҳис мекунад.

Ба ҳиссиёти ахлоқӣ ҳисси рафоқат, дӯстӣ, надомат, қарз ва ғайраҳо дохил мешаванд. Дараҷаи инкишофи ҳиссиёти ахлоқиро виҷдон муайян мекунад, ки вай ба одамон хос буда, дар протсесси зиндагӣ ба вуҷуд меояд ва ташаккул меёбад.

Ҳиссиёти ахлоқӣ одамро маҷбур мекунад, ки кирдору рафтори худро ба ахлоқи ҷамъиятӣ, қунону қоидаҳои дар ҷамъият қабулгардида мувофиқ намояд.

*Ҳиссиёти ақлӣ* – қувваи пешбарандаи ҷамъияти инсоният, зинаи аввали маърифат, кӯшиши тадқиқоти ҳиссӣ, яъне бо мақсади ошкор намудани ҳодисоти хуш ё ногувор тадқиқот бурдан аст. Ҳиссиёти ақлӣ муносибати одамро ба фикр, ба ҷараёну натиҷаи фаъолияти ақлӣ ифода менамояд. Ҳиссиёти ақлӣ дар рафти фаъолияти маърифатӣ ба вуҷуд меояд ва ҳамеша бо он ҳамроҳ буда, ба он тобиши муайяни эмотсионалӣ

медиҳад. Бо мурури вақт ҳиссиёти ақлӣ мураккабтар мегардад. Дар байни ин ҳиссиёт ҳисси таъмин, таҳайюр, шубҳа, ҳисси маърифатхоҳӣ, ҷустуҷӯ, аз ҷумла ҷустуҷӯи илмӣ пайдо мешавад.

Майлу хоҳиши ҳарчӣ бештар омӯхтан, ҳарчӣ бештар донистан, муаммоҳои ҳаёт ва олами ғайриорганикиро кушодан маҳз ба инсон хос аст.

Кӯшиши маърифатнокшавӣ афкори инсонро тараққӣ медиҳад, ба ғанӣ гардидани хазинаи дониши вай мусоидат мекунад. Одамони зиёде ба ҷустуҷӯи илм таваҷҷӯҳ доранд ва машғуланд, ҳарчанд роҳ ба сӯи қуллаҳои илм басо душвор аст. «Дар илм роҳи росту васеъ нест, - навишта буд, К. Маркс – ҳамон шахс қуллаҳои онро фатҳ карда метавонад, ки аз пастшавӣ натарсида, ба пайраҳаҳои серсангаш хазида мебарояд».

Шаклҳои мухталифи омӯзиш, тадқиқод ва хусусан ҷустуҷӯи илмӣ бо тағйирёбии муҳити эмотсионалӣ алоқаманд аст. Эмотсияҳо барои бартараф намудани душвориҳо, ноумед нашудан аз нокомиҳо, барои расидан ба қуллаи мурод мадад мерасонанд.

Барои бартараф намудани душвориҳои ҷустуҷӯи илмӣ, агар аз як тараф боварӣ ба ақли одамӣ қувваю ғайрат бахшад, аз тарафи дигар ҳисси бошууронаи қаноатмандӣ, яъне хушнудие, ки дар натиҷаи кашфиёти илмӣ, навишта тамом кардани китоб, ба кор андохтани нерӯгоҳи барқӣ ба вуҷуд меояд, хеле васею равшан аст, вале мутаасифона умркӯтоҳ.

Физиологи фаронсавӣ Берна Розе гуфта буд: «Кашфиёт ба барқе шабеҳ аст, ки баҳри мо уфуқҳои дурро лаҳзае мунаввар месозад ва ҳисси кунҷкобии мудом ташнаи дониши мо ба он сӯ бештар майл мекунад. Аз ин рӯ, дар илм чизи маълум ҷозибаи худро гум менамояд, лекин чизи номаълум ҳамеша ҷозибаноку зебост».

Дар ин бора А. Ҷомӣ низ хуб фармудааст:

Дар касби камол боядат ҷаҳд,

Дар беталабӣ барӣ аҳд.

Қонеъ нашавӣ ба ҳар чӣ ёбӣ

Аз хуб ба хубтар шитобӣ.

Хушнудии лаҳзаие, ки пас аз анҷоми бомуваффақияти кор пайдо мешавад, ҳисси қонеъшавӣ ва навҷӯии одамро ба меҳнати эҷодӣ минбаъд ба иқдомҳои нав талқин мекунад.

*Ҳиссиёти эстетикӣ* – дар протсесси аз тарафи одам инъикос кардани воқеият мавқеи махсусро ишғол менамояд. Асоси онро қобилияти дарк карда тавонистани оҳанг ва зебоӣ ташкил медиҳад. Пайдоиш ва моҳияти ҳиссиёти эстетикиро бидуни алоқамандӣ ба образи бадеӣ, ки ҳиссиёти эстетикиро бедор мекунад, фаҳмидан душвор аст. Ин образ метавонад манзараи табиат, асари санъат ё ягон маснуоти саноатие бошад, ки ба талаботи эстетикӣ ҷавоб дода метавонад.

Тасаввурот дар бораи бадеиёти образ бевосита ба завқи эстетикӣ вобаста аст. Одаме, ки дар протсесси тарбия ва таҷриба дорои завқи баланди эстетикӣ гаштааст, зери таъсири объектҳои гуногун метавонад эмотсияҳои барояш хуш ё нохушро аз сар гузаронад, ки доираи он хеле васеъ аст. Аз ҳисси нафрат сар карда то ҳисси ҳаловат ва ҳаяҷон.

Бояд одам фаҳмад, ки дӯст доштан, бад дидан, рӯҳбаланд гаштан, хурсанд шудан, хафа шудани ӯ принсипиалӣ аст, ё тасодуфӣ. Масалан, ҳиссиёти нафрат метавонад ҳисси олӣ ва ҳисси оддӣ шавад: а) нафрат ба душманони халқ, ин ҳисси олӣ аст. б) Нафрат ба одамоне, ки ба ягон шахс зарари моддӣ мерасонанд, ин ҳисси оддӣ мебошад.

Аз давраи барвақти бачагӣ ҳиссиётҳои оддитарин ба монанди хурсандӣ, қаноатмандӣ, тарс, ваҳм ва Гайраҳо инкишоф меёбюад. Онҳо дар рафти муошырати байни кӯдак ва калонсол ташаккул меёбад. Дар давраи томактабӣ ҳиссиётҳои нисбаттан мураккаб ба вуҷуд меояд: ҳиссиётҳои эстетикӣ, ахлоқӣ, ақлӣ-зеҳнӣ .

Мафҳуми зебоӣ чун мафҳуми таърихӣ ва иҷтимоӣ фаҳмида мешавад. Мафҳуми таърихии онро шарҳ медиҳем: дар ҳар як давру замон фаҳмиши зебои хусусиятҳои хоси худро дошт ва доимо бо иваз шудани замона ин фаҳмиш низ иваз мешавад. Он чизе ки барои одамони ваҳши маъқул дониста мешуд, он чиз барои дигарон номаъқул буд. Масалан: рангу бор кардани абрувон, овехтани гушворҳои калон дар бинӣ, бо ёрии ҳалқаҳо дароз кардани гардан (бештар дар мардуми Индонезия) ва ғайраҳо дар асри XX дар аксар давлатҳо хусусан дар собиқ иттиҳоди шуравӣ ва дигар халқиятҳо ин гуна тарзи ороишотро қабул намекарданд ва ҳамчун меъёри зебоипарастӣ ҳисоб намекарданд. Ҳоло бошад дар авали асри XXI муносибати одамон ба чунин тарзи ороишот боз тағир ёфт, ҳоло аксарият ҷавонписарон ва ҷавондухтарон як навъи ороишоте, ки ба одамони давраи сангин хос буд онро эътироф мекунанд.

Аз ин рӯ фаҳмидан лозим аст, ки ҳисси зебоипарастӣ дар инсон барои муайян кардани мавқеи худ дар ҷамъият нақши муҳимро мебозад. Дар кудакони хурдсол хусусан дар давраи томактабӣ ин намуди мураккаби ҳиссиёт дар оила ва дар кӯдакистон ташаккул меёбад. Калонсолон дар дуруст ташаккул доданиҳисси зебоипарастӣ нақши асосиро иҷро мекунанд. Дар рафти машғулиятҳои фаъолияти тасвирӣ, мусиқӣ, ҳангоми хондани адабиёти баде, афсонаҳо, тамошои расмҳо, шиносои бо табиат, ҳангоми сайругашт ва ғайра кӯдакон бо мафҳумҳои

**Инкишофи ҳиссиёт дар давраи томактабӣ**

Аз давраи барвақти бачагӣ ҳиссиётҳои оддитарин ба монанди хурсандӣ, қаноатмандӣ, тарс, ваҳм ва ғайраҳо инкишоф меёбанд. Онҳо дар рафти муоширати байни кӯдак ва калонсол ташаккул меёбад.

Дар давраи томактабӣ ҳиссиётҳои нисбатан мураккаб ба вуҷуд меояд: ҳиссиётҳои эстетикӣ, ахлоқӣ, зеҳнию-ақлӣ.

Мафҳуми зебоӣ чун мафҳуми таърихи ва иҷтимоӣ фаҳмида мешавад.

Мафҳуми таърихии онро шарҳ медиҳем:

Дар ҳар давру замон зебоӣ хусусияти худро дошт ва доимо бо иваз шудани замона фаҳмиши зебоӣ низ иваз мешавад. он чизе, ки барои одамони як қабила маъқул дониста мешавад, он чиз барои дигарон номаъқул буд.

Масалан: рангу бор намудани абрувон, овехтани гушворҳо ба бинӣ, бо ёрии ҳалқаҳо дароз кардани гардан ва ғайра дар замони муосир ва халқиятҳои гуногун аз ҷиҳати зебоӣ дуруст фаҳмида намешавад ва дастгирӣ карда намешавад.

Аз ин рӯ фаҳмидан лозим аст, ки зебоипарастӣ дар ҳар замона ва дар ҷамъият мавҷуд аст. Доир ба мафҳумҳои зебоипарастӣ кӯдаконро махсус дар таълимгоҳҳо омӯзонидан зарур аст, то ин ки ҳисси зебоипарастиро дар онҳо дуруст тарбия диҳем.

Ин ҳиссиётҳоро дар рафти фаъолиятҳо инкишоф додан зарур аст. дар аввал калонсолон ба кӯдакон чи будани зебоиро мефаҳмонанд ва онро аз чизи баднамуд, безеб фарқ карданро нишон медиҳанд. Дар ин маврид калонсол метавонад ашёҳои гуногунро нишон дода доир ба он маълумот

диҳад. Масалан: он растаниҳо ва ҳайвоноте, ки дар табиат мавҷуданд ва дар шакли бозича ба кӯдакон пешкаш мегарданд. Дар давоми машғулиятҳои санъати тасвирӣ мураббия ба шакл, сохт ва дигар сифатҳо аҳамият дода диққати кӯдакро ба он ҷалб мекунад.

Эталон ё худ меъёрҳои муайяни зебоиро ба кӯдакон фаҳмонда бо ёрии он ба ашёҳо баҳо доданро меомӯзонад.

Кӯдакон бояд доир ба ашёҳо маълумоти муфассал гирифта ба онҳо баҳо муносиб дода тавонанд: зебо, хело ҳам зебо, боҳашамат, базеб, хушрӯй, хушбӯй форам ва ғайра.

Масалан: дарахт зебоаст, дар он ҳам тана ҳам шохаҳо ва ҳам баргу гулҳо базебанд, ки инсон аз дидани он ҳаловат мебарад.

Ба кӯдакон инчунин мефаҳмонанд, ки зебоӣ ба ҳолати инсон чӣ гуна таъсир мерасонад: ҳалоыват бурдан , маъқул донистан. Дар ҳайрат мондан аз боҳашаматии бино ва ғ.

Баҳои манфӣ: безеб, бадҳайбат, бадбин, бадбӯй, номаъқул.

Ҳиссиётҳои ахлоқи-маънавӣ

Ин ҳиссиёт дар рафтори инсон зоҳир мешавад. Байни одамон муносибатҳои гуногун барқарор карда мешавад ва нисбати ҳамдигар гуногун рафтор мекунанд, ки онро ҳамчун рафтори хуб ё бад арзёбӣ мекунанд. Аз ин рӯ ҳиссиётҳои маънавие, ки дар одамон ташаккул меёбад аз инҳо иборат аст: ҳисси ҷавобгарӣ, ростқавлӣ, ҳакҷӯӣ, ҳақгӯӣ, ҳисси шарму ҳаё, фиреб, нороҳатӣ, қахр, ғазаб ва ғ…

Ҳиссиётҳои ахлоқиро кӯдакон дар охири давраи барвақти бачагӣ аз худ мекунанд. Ба онҳо чи гунна рафтор карданро калонсолон меомӯзонанд. Дар ҳамин давра онҳо мефаҳманд, ки кадом рафтор хуб асту кадомаш бад аст. Дар кӯдакон ҳиссиёти ба шахси дигар ҳамдардӣ баён кардан барвақт пайдо мешавад.

Дар рафтори одамон ҷиҳатҳои ахлоқӣ-маънавӣ на ҳама вақт дуруст ошкор карда мешавад ва ба кӯдакон равшан карда нишон додани он зарур аст. Ба кӯдакон ду вазъият пешниҳод мегардад:

1. Духтарча бо мақсади ба модар ёрӣ расондан якчанд пиёлаҳоро шуста ба лаълӣ мегузорад ва ҳангоми бардоштани лаъл пешпо хӯрда меафтад ва ҳамаи пиёлаҳо ғалтида мешикананд.
2. Модар пеш аз ба кор рафтан як банка мурабборо ба болои ҷевон мегузорад. Духтарча дид, ки мураббо дар он ҷо аст, ба болои курсича

бaромада мехост мурабборо гирад, аммо ҳангоми гирифтан банки мураббо ғалтида мешиканад.

Аз кӯдакон мепурсанд, ки кадом аз ин духтарчаҳо бештар гунаҳкоранд.
Кӯдакон духтарчае, ки пиёлаҳоро ғалтонда шикаст бештар гунаҳкор ҳисоб карданд. Онҳо ба мақсади духтарча, ки аз ёрӣ расондан ба модар иборат аст эътибор надода ба пиёлаҳои шикастагӣ аҳамият доданд.
Духтарчае, ки бе иҷозати модар мурабборо гирифтан мехост гунаҳкор надонистанд.
Ба кӯдакон мақсад ва рафтори духтарчаҳоро фаҳмода додан лозим аст, ки бо ин роҳ рафтори ахлоқӣ –маънавии одамон нишон дода мешавад.
Муносибати маънавӣ –ахлоқӣ ин муносибати байни одамон мебошад ва танҳо ба одам хос аст. Давраи томактабӣ барои ташаккул ва инкишоф ёфтани ҳиссиётҳои маънавӣ –ахлоқӣ мувофиқ аст. Дар мавҷуд набудани чунин ҳиссиёт ва шароити мусоид кӯдак дуруст инкишоф ёфтанаметавонад ва дар ҷамъият бо одамон зиндагӣ карда наметавонад.

## Тавсифи умумии инкишофи ҳиссиёт

Дар давраи барвақти бачагӣ ҳиссиёти кӯдак ноустувор буда, тез иваз мешавад. Масалан: кӯдаки гирён якуякбора хандон мешавад.
Дар давраи томактабӣ ҳиссиёти кӯдакон устувор мешавад. Масалан: кӯдаки 5-6 сола қаҳр мекунад ва онро дар хотир нигоҳ медорад.